# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 174 с.**

Калимасозӣ манбаи асосии такомули таркиби луғавии забон буда, дар забоншиносӣ ба маънои маҳдуд ва васеъ мавриди истифода қарор дорад. Дар маънои маҳдуд дар калимасозӣ пайдо шудани ҳар як моддаи нави луғавӣ дар назар дошта мешавад. Масалан, калимаҳои замин, хок, падар, модар, хона ва ғайра бо ин ё он маъно маъмуланд. Агар онҳо бо тарзу воситаҳои гуногун мафҳумҳои гуногунро ифода мекардагӣ шаванд, калимасозӣ ба амал меояд. Калимасозӣ ба маънои васеъаш илм аст, ки тарзу воситаҳои гуногуни калимасозиро меомӯзад ва объекти омӯзиши он калимаи нав мебошад, ки ё ба воситаи тағйири шакл ё ба воситаи тағйири маъно мафҳуми навро ифода кардааст.

Таҳқиқ ва баррасии вожаҳо дар осори адибон дар забоншиносии тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад, зеро маҳз калимаҳо бори маънӣ ва давраҳои ташккулу таҳаввули забонро муайян мекунанд. Калимаҳои ҳар як забон, қатъи назар аз мансубияти худ ба ин ё он бахши ҳаёти инсон, аксаран собиқаи таърихӣ доранд ва маънову шаклҳоеро соҳибанд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби самти калимасозиву калимабандӣ, этимология, услуб ва амсоли инҳо дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна ба омӯзишу таҳқиқи муфассали масъалаи калимасозӣ, замина ва роҳу воситаҳои сохта шудани калимаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ бахшида шудааст, аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва хулосаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, пурра мувофиқат менамояд.

Солҳои охир корҳои зиёди илмию таҳқиқӣ доир ба калимасозӣ дар забони тоҷикӣ анҷом шуда, ҳамчунин монография ва дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ ба чоп расидаанд, ки ин далели мубрам ва муҳимму баҳсталаб будани мавзуи мазкур аст. Ин пажуҳишҳо фарогири масъалаҳои гуногуни калимасозӣ дар сатҳи забони адабӣ ва фарогири масъалаҳои ҷудогонаи он дар доираи осор ва таълифоти шоиру нависандагони ҷудогона буда, аҳаммияти муҳимми илмию амалӣ доранд.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмонова таҳқиқи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, махсусан калимасозиро дар доираи сарчашмаи муайян фаро гирифта, дар он масъалаҳои муҳимми калимасозӣ, заминаҳо, ва роҳу усулҳои сохта шудани

калимаҳо бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ дар доираи ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ баррасӣ шудаанд.

Калимасозӣ ва роҳу усулҳои сохта шудани калимаҳо гоҳо дар осори шоир ё нависандаи муайян ба таври ба худ хос зоҳир гашта, дар онҳо ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки на ҳамаашон дар дастуру воситаҳои таълимӣ дарҷ гардидаанд. Дар таҳқиқоти анҷомдодаи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна чунин нуктаҳои ҷолибу дорои арзиши баланди илмӣ зиёд ба мушоҳида расида, масъалаҳои зиёде дар доираи калимасозӣ аз ҷиҳати илмӣ хуб таҳқиқу баррасӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, **мавзуи мазкур**, бешубҳа, **мубрам** ва **таҳқиқи** он дар марҳилаи нави рушди калимасозии забони тоҷикӣ саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Омӯзишу баррасиҳое, ки дар диссертатсия доир ба замина ва роҳу усулҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ анҷом дода шудаанд, дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти ҷадид ва дорои арзишу аҳаммияти илмӣ маҳсуб шуда, дар он масъалаҳои зиёде аз диди нави илмӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки калимаҳои таркиби луғавии ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ аз ҷиҳати сохтори морфологӣ ва қонуниятҳои ташаккули сохторӣ ба хусусиятҳои зиёд соҳиб мебошанд, ки то ҳол ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд. Маҳз навгонии илмии ин таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал вижагиҳои сохторӣ ва роҳу услҳои сохта шудани калимаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ва малакаву қобилияти ин шоир дар калимасозӣ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳои дар диссертатсия дарҷгардида ба таври комил инъикоскунандаи натиҷагириҳои муаллиф аз ин таҳқиқи анҷомдода буда, тавсияҳои дар он пешниҳодшуда ҳам бевосита маҳсули фикрӣ ва натиҷаҳои илмии заҳматҳои муаллиф мебошанд, ки татбиқ ва амалисозии онҳо ба рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ, бахусус бахши калимасозӣ таъсири мусбат мерасонад, зеро таҳқиқи мазкур дар такя ба асосҳои назарии забоншиносони варзидаи дохилию хориҷӣ аҷом дода шуда, масъалаҳои дар он баррасишуда илман асоснок мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои пажуҳиш ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 174 саҳифаи чопи компютерӣ омода шудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, асосҳои методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри

таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Калимасозӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ**» ном дошта, фарогири се фасли ҷудогона буда, ҳар як фасл фарогири таҳлилу баррасии масъалаҳои алоҳида мебошад. Фасли якуми он ба пажуҳиши ҷанбаҳои забонӣ вобаста ба корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ бахшида шудааст.

Дар фасли якуми боби мазкур, ки **«Роҷеъ ба мафҳуми калимасозӣ ва масъалаҳои марбут ба он»** ном дорад, муаллиф бо такя ба афкори назарии забоншиносон мафҳуми истилоҳи **калимасозиро** шарҳ дода, пас аз кушодани моҳияти илмии ин масъала саҳми муҳаққиқону забоншиносонеро, ки дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар забони тоҷикӣ саҳм гузоштаанд, аз рӯйи мавқеъ ва хидматҳояшон таҳлилу баррасӣ кардааст. Дар идомаи фасл диссертант роҳҳои мавҷудаи калимасозиеро, ки аз ҷониби забоншиносон пешниҳод шудаанд, ёдовар шуда, моҳият ва роҳу усулҳои сохта шудани калимаҳоро дар доираи ҳар як роҳи калимасозӣ баррасӣ намудааст.

Фасли дуюми ин боб – **«Калимасозии морфологӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** унвон гирифта, муаллиф доир ба ин усули калимасозӣ ва решаи амиқи таърихӣ доштани он маълумот дода, ибтидо калимасозии пешвандиро батафсил дар доираи ҳар як ҳиссаи мустақили нутқ баррасӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф, «Пешванди **ҳам-** дар ғазалиёти Мавлоно хусусиятҳои зиёди калимасозӣ дошта бошад ҳам, аксари калимаҳои бавуҷудовардаи онро гурӯҳи исмҳое ташкил менамоянд, ки аз ягон ҷиҳат ба шахс, касбу кор мансубияти ӯ далолат менамоянд. Ба ибораи дигар, онҳо аксаран исмҳои шахс мебошанд» (с.32-36)

Муаллиф дар идомаи таҳлилу омӯзишҳои худ мавқеъ ва қобилияти калимасозии пешвандҳои сифатсози **бо-, ба-, бар-, бе-, но-, то-, дар-** ва монанди инҳоро баррасӣ намуда, мавқеи ҳар яки онҳоро дар калимасозӣ дар газалиёти шоир муқаррар намудааст. Диссертант батартиб пешвандҳои феълсоз ва зарфсозро ҳам дар идома таҳқиқ намуда, бо овардану таҳлил намудани мисолҳои мушаххас қобилияти калимасозии онҳоро дар сарчашмаи мавриди таҳқиқ қарордошта муайян намудааст.

Фасли сеюми боби аввал **«Калимасозии пасвандҳо дар ғазалияти Ҷалолуддини Балхӣ»** ном дошта, муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки микдори пасвандҳои калимасоз дар доираи ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусан исм, сифат ва зарф, дар қиёс бо пешвандҳо зиёдтар буда, дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳои мансуби ин ҳиссаҳои нутқ нақши муҳим доранд. Тибқи таҳлилу хулосагириҳои муаллиф аксари пасвандҳои исмсоз **-истон, -гор, -гар, -гоҳ, -чӣ, -ор, -а, -лох, -ур, -зор, -сор, -вор, ӣ (-гӣ, -вӣ)** дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ қобилияти калимасозӣ дошта, пасвандҳое, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ пасвандҳои сермаҳсул ба шумор мераванд, дар ғазалиёти шоир низ гурӯҳи пасвандҳои фаъоли калимасозро ташкил менамоянд. Ба андешаи диссертант, пасвандҳои сифатсози **-ӣ (-гӣ, -**

**вӣ), -ин, -она, -нок, -манд, -ваш, -гун, -вар, -осо, -со, -сон, -онӣ, -вор, -сор, -фом, -ук, -ур, -ик, -ам** ҳам дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ яке аз гурӯҳҳои асосӣ ва сермаҳсули вандҳои калимасозро ташкил намуда, ба воситаи онҳо сифатҳои зиёде сохта шудаанд. Ӯ дар идома қобилияти калимасозии пасвандҳои зарфсозро ҳам дар ғазалиёти шоир мавриди таҳқиқ қарор дода, то андозае каммаҳсул будани онҳоро дар калимасозӣ қайд менамояд. (с. 52-87)

Боби **дуюми** диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна **«Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб ва фаслу зерфаслҳои он калимаҳои мураккаби дар ғазалиёти шоир истифодашударо аз рӯйи қолаби сохторӣ тасниф шуда, ҳам аз рӯйи сохту қолаби сохторӣ ва ҳам аз рӯйи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар фасли якуми боби мазкур – **«Калимаҳои мураккаб ва низоми сохтори морфологии онҳо»**, калимаҳои мураккаби дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ истифодашударо аз рӯйи сохту таркиб ва қолабҳои сохторӣ ба гурӯҳи калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта тасниф намуда, доир ба замина ва тарзу қолабҳои ташаккули онҳо дар сатҳи даркорӣ маълумот додааст.

Дар фасли дуюми ин боб – **«Калимаҳои мураккаби пайваст ва заминаи морфологии ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** диссертант калимаҳои мураккаби навъи пайвастеро, ки дар ғазалиёти шоир истифода шудаанд, батафсил аз ҷиҳати сохт баррасӣ намуда, диққати асосии худро ба сохту таркиби морфологӣ ва мансуби кадом ҳиссаҳои нутқ будани вожаҳо равона менамояд. Дар идома муаллиф сифатҳо ва зарфҳои мураккаби пайвасти дар ғазалиёти шоир истифодашударо таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки сифатҳо ва зарфҳои мураккаби қолаби мазкур дар муқоиса бо ин гурӯҳи сохтории исмҳо дар ғазалиёти шоир камтар истифода шудаанд.

Дар фасли сеюми боби мазкур – **«Калимаҳои мураккаби тобеъ ва сохтори морфологии онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»**, муаллифи диссертатсия калимаҳои мураккаби тобеъро баррасӣ намуда, мавқеи муҳим доштани ин гурӯҳи сохтории калимаҳоро дар таркиби ғазалиёти шоир қайд намуда, дар қолабҳои гуногун сохта шудаанд. Калимаҳои мураккаби тобеъ қолабҳои гуногуни сохторӣ ва таркиби гуногуни ҳиссаинутқӣ дошта, бо тамоми ҷузъиёт ва моҳияташон дар ғазалиёти шоир ба мушоҳида мерасанд. Муаллиф дар ин фасл ибтидо исмҳои мураккаби тобеъро бо такя ба маводи ғазалиёти шоир баррасӣ намуда, онҳоро аз рӯйи қолаби сохторӣ, мавқеи ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ ва таркиби морфологию ҳиссаинутқиашон гурӯҳбандӣ намуда батафсил баррасӣ намудааст. Дар идома муаллиф сифатҳои мураккаби тобеи дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ истифодашударо таҳлил намуда, қолабҳои зиёди сохторию таркиби ҳиссаинутқӣ доштани онҳоро қайд менамояд. Ба андешаи муаллиф, баръакси исмҳо ва сифатҳо дар ғазалиёти шоир зарфҳои мураккабе, ки аз ҷиҳати сохту

таркиб ва муносибати байни ҷузъҳои таркибашон тобеъ бошанд, хеле кам ба мушоҳида мерасанд. Ӯ қайд менамояд, ки калимаҳои мураккаби омехта дар ғазалиёти шоир камтар корбаст шуда, як қисми онҳоро исмҳо, қисми дигарашонро сифатҳо ва қисми нисбатан камтари онҳоро зарфҳо ташкил менамоянд.

Дар фасли чоруми боби дуюм – **«Калимаҳои мураккаб ва таносуби онҳо бо роҳҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»**, диссертант қайд менамояд, ки калимаҳои мураккаби дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ корбастшуда маънои муайянро ифода намуда, бо ин ё он роҳи муайяни калимасозӣ сохта шудаанд. Вобаста ба гуногун будани қолабҳои сохту таркиби морфологӣ ва қолабҳои сохтории ин гурӯҳ калимаҳо дар ғазалиёти шоир роҳҳои калимасозии онҳо ҳам гуногун мешаванд. Ба андешаи муҳаққиқ, калимаҳои мураккаби пайвасти дар ғазалиёти шоир истифодашуда бо ду роҳи калимасозӣ – калимасозии лексикию синтаксисӣ ва калимасозии такрор сохта шудаанд. Калимаҳои мураккаби тобеъ бо роҳи калимасозии лексикию синтаксисӣ ва калимаҳои мураккаби омехта бо роҳи калимасозии бо яке аз роҳҳои калимасозии зикршуда бо иловаи калимасозии морфологӣ сохта мешаванд.

**Хулосаи** диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна аз 11 банд иборат буда, бо далелҳои қавӣ асоснок гардидааст ва дар такмили назарияи калимасозии забони муосири тоҷикӣ саҳми арзанда мегузорад. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлил ва баррасии анвои калимаҳои мураккаб ба хулосае меояд, ки Ҷалолиддини Балхӣ дар ғазалиёти худ дар баробари истифода намудан аз калимаҳои мавҷудаи захираи луғавии забон калимаҳои зиёдеро низ сохтааст, ки онҳо хоси услуби эҷодии шоир мебошанд. Аксари калимаҳои аз ҷониби шоир сохташуда калимаҳое мебошанд, ки дар ғазалиёти ӯ як бор истифода шудаанд ва дар ягон фарҳангу луғатномаҳо ҳам ба мушоҳида намерасанд: **асосэҷод, баргустувон, помӯзд, ҳоҷатош, шуълахора, шакарситон, шафтолуситон, кавчлез, ишқҳиммат, исмсифат, дӯздгӯш, гадорӯй, тӯтиғизо, махмурсар, жожшоир, нодирачӯпон, сабзхинг, сабздӯлоб, ғарчафиреб, хушхисол, лангтахмин, хубэътиқод, ростмиъод, тангҳавсала, зебоҳаракот, бақадамрафта, дамрафта, бахамрафта, ҷонтар, мантар**» (с. 54-71, 91-95, 131 ).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи тақризшаванда аз ҷиҳати назарӣ аҳаммияти калонро доро буда, барои такмили назарияи илми забоншиносии тоҷик дар самти калимасозӣ, ба рушди таҳқиқоти минбаъдаи забоншиносии тоҷик заминаи хуб фароҳам меоранд. Ҳамчунин пажуҳиш аҳаммияти хосси амалӣ дошта, назару маводи ҷамънамудаи муаллифро метавон барои таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ, дарсҳои лексионӣ аз фанни калимасозӣ ва морфология, курс ва семинарҳои

махсус ва масъалаҳои гуногуни таърихи забони адабӣ ва муосири тоҷикӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишоршуда, инъикос шуданд..

Рӯйхати адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмию бадеӣ, фарҳангҳо ва захираҳои интернетиеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудию нуқсон ба мушоҳида расиданд, ки бо мақсадиислоҳи онҳо дар корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро ба манфиати кор медонем:

1. Азбаски таҳқиқоти мазкур фарогири масоили забони шеър аст, ба осори илмии муҳаққиқоне, ки доир ба забони шеър таҳқиқот анҷом додаанд, аз ҷониби диссертант таваҷҷуҳи камтар зоҳир кардааст;
2. Агар дар диссертатсия таснифоти омории калимаҳои сохташуда истифода мешуд, ҳусн ва моҳияти илмии диссертатсия мафзуд;
3. Зимни баррасии калимасозӣ тибқи анъана мебоист қолибҳои морфологии калимаҳо нишон дода мешуданд, ки ин ҳам дар кор камтар ба назар расидааст.
4. Агар диссертант зимни баррасии заминаҳои калимасозӣ ва маъноии калимаҳои мураккаб ба баъзе вижагиҳои забони гуфтугӯйӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекард, ҷанбаи илмии таҳқиқоташ бештар мегардид.
5. Баъзе мисолҳо дар дисертатсия такрор омодаанд.
6. Дар саҳифаҳои 9, 19, 38, 47, 52, 70, 91, 104, 119, 151, 155 -и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор меафзуд.

Эродҳо, ки зикр шуданд, бештар ҷанбаи таҳририю тавсиявӣ дошта, моҳияти илмии кори анҷомшударо намекоҳонанд ва арзиши назариявию амалии диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновнаро кам намекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи
таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич

**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
Тел.: (+992) 901-06-30-68
E-mail: gafforovabdusukur@mail.ru

Имзои А. О. Ғаффоровро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ: Мустафозода Абдукарим
24-уми августи соли 2025

**Суроғаи муассиса:** 735324 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 37224-13-83
E-mail: tgpu.tj

24-уми августи соли 2025